# ОМӮЗИШ БА ХОТИРИ ИНКИШОФИ МАЛАКАИ КАСБӢ.

Submitted by Ҳайати тадорукот on 23 May, 2025 - 19:50
[1]

Дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансури пойтахт машварати омузишӣ баргузор гардид. Зимни он аз ҷониби намояндаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфониён Раҳим «Барномаи рушди забони давлатӣ барои

солҳои 2020-2030», "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ" шарҳ дода шуд
Иштирокдорон вобаста ба фазилату мероси пурғановати таъриху фарҳанги миллати тоҷик будани забони модарӣ, ки мақоми давлатӣ касб намудааст, сухан гуфта, изҳор доштанд, ки забон хишти аввали кохи миллат, яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ва нахустунсури тафаккури миллӣ буда, забони сулҳу дӯстӣ, меҳру муҳаббат ва садоқату бародарӣ мебошад. Таъкид гардид, ки эҳтироми бепоён ба забони миллӣ доштани Президенти муҳтарами мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама суханрониҳо ва паёмҳояшон баён мегардад, ки ин ҳама далели арҷгузорӣ ба забони модарӣ-ин ганҷи бебаҳои меросу фарҳанги миллӣ дониста мешавад.
Дар идома гуфта шуд, ки дар Тоҷикистон «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» амалӣ мегардад, ки ҳадафи он ҳифзи забон ва арҷ гузоштан ба забони миллӣ мебошад.Яке аз самтҳои Барнома низ омӯзиш, назорат, таҳлил ва амалисозии сиёсати забони давлатӣ мебошад.

**Content rating:** Select rating
No votes yet

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/7133?mini=2025-08

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/500144533_122156872454462396_420211806227212794_n.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/499969854_122156872556462396_4232048630409468960_n.jpg [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/500124928_122156872502462396_3245675812833666430_n.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/500144533_122156872454462396_420211806227212794_n.jpg